«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
__________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«30» 09 2022 сол

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа докторанти фалсафа (PhD) дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт. Таҳқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзӯи диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа соли 2018 дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа соли 2016 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ, соли 2018 магистратураи ДДМИТ аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит хатм намуда, соли 2018 ҳамчун докторанти фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт ба кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вобаста карда шуда буд.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи № 4/5.10 аз 03-юми декабри соли 2018 баррасӣ ва тасдиқ гардида, мушовири илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба илм Сафаров Бахром Гулматович таъйин гардидааст.

Тибқи нақшаи таълимӣ докторанти Phd Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа 180 кредитро аз худ намуда, имтиҳонро бо баҳои аъло

супоридааст. Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар ҷаласаи якҷояи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз «27» 09 соли 2022, суратҷаласаи №02 муҳокима гардидааст.

Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» чунин хулосаҳо баровarда шуд:

**Ҳадафи таҳқиқот** асосноккунии назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа масъалаҳои зерин баррасӣ мешаванд:

– омӯзиши асосҳои назариявию методологии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва ошкоркунии имконияти истифодабарии он дар минтақаи таҳлилшаванда;

– таҳлили шароиту имкониятҳо ва баҳодиҳии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақа;

– муайян намудани омилҳои самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– ошкор намудани самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақа;

– коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони саноатии минтақа дар шароити шуғли пурмаҳсул.

**Объекти таҳқиқот** низоми ҳавасмандгардониҳои меҳнатии корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон ба ҳисоб меравад.

**Мавзӯи таҳқиқотро** механизмҳои татбиқи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон ташкил медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-минтақавии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ, омӯзиши пайдоиши назарияҳо оид ба мафҳуми меҳнат ва ҳавасмандгардонии он, арзёбӣ намудани саҳми ҳавасмандгардонии

моддӣ дар афзоиши ҳосилнокии меҳнати корхонаҳои саноатии минтақа назаррас мебошад. Дар заминаи таҳлили вазъи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ тамоюл ва ҳолати кунунии фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии минтақа муайян ва асоснок гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Моҳияти назариявии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳати рушди заминаҳои назариявии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатии минтақа мусоидат менамоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои амалии диссертатсия барои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатии минтақа бо роҳи ворид намудани онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи саноат ва ҳуҷҷатҳои сатҳи корхонаҳо мусоидат менамоянд. Ба эътибор гирифтани пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон имкон медиҳад, то низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатии минтақа такмил дода шавад.

**Зимни ҳаллу фасли вазифаҳои рисолаи илмӣ** усулҳои зерин: усули таҳқиқоти назариявӣ-таҷрибавӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, усули қаторҳои динамикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлилӣ омилӣ, синтез ва дигар усулҳои тадқиқотиро дар бар мегирад. Истифодаи усулҳои зикршуда имконият доданд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шавад ва хулосаю пешниҳодҳои асоснок аз натиҷаҳои таҳқиқи маводи назариявию амалӣ ба даст оварда шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** асосноккунии назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатӣ дар минтақа ташкил менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

– назарияҳои ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта шуда, фаҳмиши муаллифии ҳавасмандгардонии моддии меҳнатии коргарон муайян гардид, бо назардошти дигаргуншавии шароит ва афзоиши мунтазами самараи меҳнат тағйирпазирии методология ва низому механизми ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи такмилдиҳӣ дақиқ карда шуд, қонуниятҳо ва хусусиятҳои қаноатбахшии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ошкор карда шуда, афзалияти ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ муайян карда шудааст;

– таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат аз мавқеи дар ширкат нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш, ҳавасмандгардонии дастаҷамъона ва инфиродӣ, ҳавасмандгардонии ба собиқаи кории коргар асосёфта, низомҳои ҳавасмандгардонии ҳамафарогир, ҳавасмандгардонӣ вобаста ба натиҷаҳои воқеии меҳнат ошкор карда шуданд, ки дар шароити минтақаи Хатлон имконияти роҳандозиро доранд.

– шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии минтақа таҳлил гардида, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар онҳо арзёбӣ карда шуд, норасоии имкониятҳои молиявию пардохтнопазирӣ, коҳишёбии арзиши дороиҳо, нокифоягии ҳаҷми музди меҳнат ва дигар намудҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, инчунин зарурати афзоиши бузургии воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ошкор карда шуд;

– маҳдудияти ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, истифодаи нопурраи неруи ҷисмонӣ, малакаҳои зеҳнии коргарон ва ғайрисамаранок истифодабарии дороиҳо, тамоюли манфии индекси нархҳои истеъмолӣ, ноустувории нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва таъсири онҳо ба такрористеҳсоли ҳавасмандгардонии моддии корхонаҳои саноатии минтақа ҳамчун омилҳои ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таъсиррасон муайян гардиданд;

– самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки татбиқи низоми комили ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии минтақаро дар назар дорад, ошкор карда шуданд, ки инҳо: ҳамоҳангсозии низом ва механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ба мақсад ва стратегияи рушди корхонаҳо, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилӣ аз мавқеи таъмини мустақилият ва фарогирии ҳама ҷузъиёти ҳавасмандгардонии моддӣ, амали мунтазаму одилонаи механизми ҳавасмандгардонӣ ва вобаста ба тағйироти шароит рушдёбанда будани он мебошанд;

– дар шароити шуғли пурмаҳсул баландбардории сатҳи касбияти захираҳои меҳнатии минтақа, ҷорӣ намудани низоми ҳамафарогир ва механизми прогрессивии ба афзоиши ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддӣ нигаронидашуда, ки самараи баланди меҳнатро таъмин менамоянд, ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони саноатии минтақа муҳим арзёбӣ мегарданд.

Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) пурра мувофиқат мекунад:

2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он.

3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ.

7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; вазифаи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат.

10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, усулҳои андозагирӣ, омилҳои таъсирасон ва захираҳои афзоиш.

13.Танзими муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он.

20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаҳои илмӣ-назариявӣ, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ва замима иборат аст. Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ оварда шудааст, ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои иҷрошаванда муайян карда шуда, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ҷой дода шудааст.

Вобаста ба маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5,25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии рисолаи номзадӣ дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:

**А.Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

**[1-М].** Мирзозода (Табаров) А.Д. Пардохт ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар низоми маъмурӣ/ А.Д. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №10-2. ш. Душанбе-2019.-С. 224-228. ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Мирзозода А.Д. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии ҳавасмандгардонии меҳнат / А.Д. Мирзозода, Г.Б. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №10-2. ш. Душанбе -2020 сол. - С.

127-132. ISSN 2413-5151.

**[3-М]**. Мирзозода (Табаров) А.Д. Ҷанбаҳои назариявии меҳнат ва роҳҳои ҳавасмандкунии он/ А.Д. Мирзозода, Г.Б. Сафаров // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ "Кишоварз". Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, №1 (96). ш. Душанбе -2021. -С. 173-175. ISSN 2074-5435.

**[4-М]**. Мирзозода А.Д. Таҳлил ва тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои саноат дар минтақаи Хатлон/ А.Д. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №9/1, Душанбе-2021.-С.137-142. ISSN 2413-5151.

**[5-М]**. Мирзозода А.Д. Асосҳои зарурати ҳавасмандгардонии меҳнати коргарон (назария ва амалия)/ А.Д. Мирзозода // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №3 (32), ш. Душанбе-2022.-С. 242-251. ISSN 2663-0389.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯйи маводҳои конференсия:**

**[6-М]**. Мирзозода А.Д. Тартиби баҳисобгирии андозҳо ва музди меҳнат дар амалияи барномаи 1С: Муҳосибот/ А.Д. Мирзозода, Алишери Х.// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзӯи "Таъминоти инноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ", ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур -2018.- С.54-57.

**[7-М]**. Мирзозода А.Д. Ташкили баҳисобгирии андоз ва роҳҳои такмил додани он дар бахши саноат/ А.Д.Мирзозода// Матбааи ДДМИТ, 2018.-96 с.

**[8-М]**. Мирзозода А.Д. Рушди саноат ва аҳамияти он барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ У.С. Асрорзода, А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзӯи "Муаммоҳои молиявии саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2019 сол.

**[9-М]**. Мирзозода А.Д. Муаммоҳои пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандкунии моддии кормандони корхонаҳои саноатии мамлакат заминагузор ба рушди ин соҳа/ А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзӯи "Муаммоҳои молиявии саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2019 сол.

**[10-М]**. Мирзозода А.Д. Моҳияти иқтисодӣ ва унсурҳои асосии низоми ҳавасмандкунии моддии меҳнати кормандон/ А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзӯи "Муаммоҳои молиявии саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2019 сол.

**[11-М]**. Мирзозода А.Д. Музди меҳнат, принсипҳо ва низоми музддиҳӣ дар фаъолияти тиҷоратии соҳаи кишоварзӣ/ Б.Г. Сафаров, А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ.

Дар мавзӯи "Саноатикунонии кишвар ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ", Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2020 сол.

[12-М]. Мирзозода А.Д. Муаммоҳои пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ/ А.Д. Мирзозода, З. Ҳакимов// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзӯи "Саноатикунонии кишвар ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ", Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2020 сол.

[13-М]. Мирзозода А.Д. Баҳисобгирии сармояи худӣ дар корхонаҳои саноатӣ / А.Д. Мирзозода, Маҷмуаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат: воқеият ва дурнамо // (ш. Душанбе, 23-юми октябри соли 2021) – Душанбе, ДДМИТ -2021.-С.205-209.

[14-М]. Мирзозода А.Д. Таҷрибаи хориҷии ҳавасмадгардонии моддии меҳнати кормандон / А.Д. Мирзозода, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2021.-С.80-84.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда ба марҳилаи баъдии ташхиси пешакӣ дар Шурои олимони факултет иқтисод ва бизнес тавсия дода шавад.

3. Қарори якҷояи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «27» 09 соли 2022 тасдиқ карда шавад.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор
мудири кафедраи назарияи
иқтисодии ДДМИТ — Насриддинов Ф.Б.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо
ва соҳибкории ДДМИТ — Нуридинов С.З.

Дурустии имзоҳои Насриддинов Ф.Б ва
Нуридинов С.З.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.
«29» 09 соли 2022

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ